тау 2
Ҳ-15

ҶЎРА ҲОШИМӢ




# ЧАРО ШАМОЛАК ВАЗИД?




УП «Санадвора»



ҶӮРА ҲОШИМӢ

# ЧАРО ШАМОЛАК ВАЗИД?

## (Чигилакҳо)

Душанбе
«Маориф ва фарҳанг»
2008







ББК 84 тоҷик 7-5
Ҳ - 85

Ҳ - 85 Ҷӯра Ҳошимӣ. Чаро Шамолак вазид? - Душанбе, “Маориф ва фарҳанг”, 2008, 16 саҳ.

Чигилак як гунаи шеър аст, ки адибони бисёр халқҳои олам эҷод мекунанд, бисёр хонандагони хурдсол онро дӯст медоранд, бо шавқу ҳавас мехонанд ва азёд медонанд. Ин намуди шеър дар адабиёти рус бо номҳои **ералаш** ва **небылица** машҳур аст. Дар ин гуна шеърҳо воқеа ғайритабиӣ, пасупеш, чаппаву роста, баръакс ва дарҳамбарҳам тасвир мешавад. Ин хусусияти чигилакҳо хонандаро водор мекунад, ки онро бодиққат хонад, зирактару ҳушёртар бошад, хондаашро мулоҳиза кунад ва ҳақиқатро аниқу дақиқ донад.

Ҳамин чигиливу печидагии ин намуди шеърро ба эътибор гирифта, муаллиф онро ба тоҷикӣ **чигилак** номидааст.

ISBN 97899947-58-29-6

©“Маориф ва фарҳанг”, 2008



# ОЁ ДУРУСТ КАРДАМ?

Бо чашмакам шунидам,
Бо гӯшакам бидидам.
Оё дуруст кардам?
Ё нодуруст кардам?

Бо пой хат навиштам,
Бо даст роҳ бигаштам.
Оё дуруст кардам?
Ё нодуруст кардам?

Хӯрдам китобро ман,
Хондам кабобро ман.
Оё дуруст кардам?
Ё нодуруст кардам?

Гуфтам ба гурбаам:
- Кишт!
Гуфтам ба мурғакам:
- Пишт!
Оё дуруст кардам?
Ё нодуруст кардам?

Хондам ду модар аз ёд,
Шуд шеъракам зи ман шод.
Оё дуруст кардам?
Ё нодуруст кардам?







## БАР ИН СУХАН НАХАНДӢ...

Се бурси сабзи хушҳол
Тарбуз бубаст имсол.

Як бехаки санавбар,
Азбаски буда навбар,

Даҳ-биста себ бастаст,
Аммо базеб бастаст.

Аз кулчаҳои афзун,
Ин шохи беди маҷнун,

То бар замин расидаст,
Лекин касе надидаст.

Дигар яке булуте,
Бастаст бас қуруте.

Ин чист?
Ин чанор аст,
Бораш вале анор аст.

Ҳатто ду ҳарфи холӣ
Гаштаст фикри олӣ.

Бар ин сухан нахандӣ,
Ту будаӣ Афандӣ!







# ДАР БОРАИ ФАСЛҲОИ СОЛ

- Фасли зимистон расид,
Сабз бишуд рӯзгор!
Лолаю гул рӯ кушод,
Бурд зи дилҳо қарор.

Фасли баҳорон дамид,
Ҷумла табу тоб рафт.
Об ҳама ях бубаст,
Хок ҳама хоб рафт.

Оҳ, чӣ хуш тирамоҳ,
Гармтарин фасли сол!
Давраи таътили мо
Файзи ҳамин фасли сол!

Фасли тамуз омада,
Бодаки форам вазид,
Обу ҳаво сарду…
Вой!
- Ҳа, чӣ шуд?
- Ору газид…



# ҚИССАИ ТАРБУЗХӮРӢ

Рафтем мо ба тарбуз,
Бозораке бидидем.

Таърифи лаззаташро
Бо абрувон шунидем.

Бӯйи хушу маҳинаш
Бо мӯйи сар шамидем.

Тарбузфурӯшро зуд
Аз тарбузак харидем.

Бо поямон гирифтем
Бо дастамон давидем.

Аз хона сӯйи бозор
Шодона оваридем.

Онро нахуст хӯрдем,
Бо корд пас буридем.





# МУСИЧАВУ БУЗИЧА

Бо шавқ мебарояд
Бар пуштаҳо мусича.
Бо завқ месарояд
Дар шохаҳо бузича.

Бо чор пои чобук
Тозон чарад мусича.
Бо болҳои нозук
Шодон парад бузича.

Дар пеши саф мусича,
Аз пода пас намонад.
Аз ҳар тараф бузича
Бар лона хас кашонад.

Бо пои пушт хорад
Ёлу бараш мусича.
Бар офтоб дорад
Болу параш бузича.

Бошад мусича зирак,
Бошад мусича огоҳ,
Аммо бузича, бешак,
Як мурғи ғӯлу гумроҳ.

Гӯ бар мусича:
- Беҳ-беҳ!
Гӯ бар бузича:
- Ту-ту!
Гӯяд мусича:
- Меъ-е!
Гӯяд бузича:
- Ку-ку!











## ХУРСАНДИИ МАЙМУН

Аз рӯйи расми ҷангалӣ,
Маймунгарию эҳтиром,
Як маймунак–шайтону шӯх,
Гуфто ба як маймун:
- Салом!

Маймун чу ин гапро шунид,
Дар боғи ҷонаш гул шукуфт.
Аз рӯйи лутфу марҳамат
Ӯро навозиш карду гуфт:

- Таҳсин ба одобат!
Чӣ хуш,
Монанди мо акнун шудӣ!
**Одамгарӣ**, ҷонам, бас аст,
Акнун ту ҳам **маймун** шудӣ!

## ЧАРО ШАМОЛАК ВАЗИД?

Дилтанг шуд Сафедор
Аз маътал истодан.
Оваҳ, чӣ гуна душвор
Чун ҳайкал истодан?!

Пинҳон зи чашми мардум,
Чашме ба олам андохт.
Байте ба ёдаш омад,
Онро ба зам-зам андохт.

Ҷунбонд шонаҳоро,
Чарсак бизад сад ангушт.
Якбора даст афшонд,
Якпоя рафт арғушт…

Хобида буд Шамолак
Дар тораки Сафедор.
Лағжид пояш андак,
Тарсида гашт бедор.

Нофор шуд Шамолак,
Гуфто:
- Аҷаб замон шуд!...
Аз тораки Сафедор
Бархосту вазон шуд.





## ИН ЧӢ ҒИРЕВЕ?

Ин чӣ ғиреве? Ҷониби Сурхон
Пар бикушода селаи мурғон:
Саъваю булбул, майнаю акка,
Шоҳину моҳӣ, турнаю такка?!



## МУСИЧА

Мусичаҷони беғуноҳ,
Ба тори сандалӣ баро:
Аз нӯлакат қайчӣ кунам!
Аз думакат муччӣ кунам!



## БОДОМГУЛИ ОЛУЧА

Бодомгули олуча,
Ман писараки оча!
Очам хеста чой резад,
Ман чойхӯраки оча!



## САРГУЗАШТИ НАВИ ХИРСАКУ ОРУ ВА ХАРГӮШБАЧА

Хирсак асалдуздӣ рафт,
Хирсака Ору... надид.
Хирсак асал хӯрду рафт,
Хургӯша Ору газид!





## ДАРИ ШИКОРӢ

Ҳаст магар, ё ки не,
Дар деҳи Сардак,
Ҳаст Дари нагзаке,
Як Дари зардак.

Ҳай, чӣ қадар боадаб
Ин Дари нағзак!
Вай назанад бесабаб
Як даҳан «ак-ак!»

Як Дари дилпур бувад
Дар ҳама кор ӯ,
Бе ғашу ғур-ғур равад
Баҳри шикор ӯ.

Рӯзу шабу субҳу шом
Дар агар ояд,
Аз даҳани Саг мудом
Хона дарояд.

## АСПИ АЛО

Як аспи ало будаст,
Ҳай аспи бало будаст!

Дар пешгаҳи деҳа,
Дар пушти саро будаст.

Аз байни гала рафта,
Машғули чаро будаст.

Дар домани сабзи дашт,
Дар дашти само будаст.

Дар дашти само?
Он чо
Вай чуну чаро будаст?

Э, аспи ало не!
Вай ...
Як абри сиё будаст!



## ДАР ТАНҲОӢ

Як ҷо нишастаам ман,
Танҳо нишастаам ман.

Як ҷо чаро нишинам?
Танҳо чаро нишинам?

Оҳиста дар кушодам,
Озода пар кушодам.

Аз остон паридам,
Бар осмон паридам.

Рӯйи ҷаҳон аҷиб аст,
Давру замон аҷиб аст…

Исто, куҷо расидам?
Э, то само расидам!

Дар рӯйи Маҳ нишастам,
Армони дил шикастам!

Ин ҷо, вале, чӣ манзил?
Аз диданаш чӣ ҳосил?

Ин ҷо на бӯю на ранг?!
Дил танг шуд, нафас танг!

Ин ҷо чаро ҳаво нест?
Дарди маро даво нест?

Ин роҳи бенишон аст!
Баргаштанам гумон аст!

Бар хона чун бигардам?
Эй вой, ман чӣ кардам?!...

Чашмони худ кушоям,
Биншастаам ба ҷоям!







Кӯҳе чуқур,
Бетак бувад!
Ин гап дуруст,
Бешак бувад!

Чоҳе баланд,
Беҳад баланд!
Бовар бикун
Бе чуну чанд!

Ҷӯе хазад
Дар об шод.
Кӯе вазад
Бар сӯйи бод.





Дар пушти хар
Роҳе равон.
Сагро барад
Як устухон.

Тал дар шутур
Дорад чаро.
Расме кашад
Духтарчаро.







Дар чор кас
Шинад кате.
Хонандаро
Хонад хате.

Ноне хӯрад
Як гушнаро.
Обе хӯрад
Як ташнаро.





Як тухми мурғ
Мушро барад.
Як гурбаро
Муш оварад.

Сар – дар замин,
По – дар ҳаво.
Мукӣ – ба сар,
Тоқӣ – ба по.

Дӯзандаро
Дӯзад либос...
Ин қисса рост
Монанди дос!





## ЯК-ДУ СУХАН ДАР БОРАИ ЧИГИЛАК

Чигилак як гунаи шеър аст, ки адибони бисёр халқҳои олам эҷод мекунанд, бисёр хонандагони хурдсол дӯсташ медоранд, бо шавқу ҳавас мехонанд ва азёд медонанд. Ин намуди шеър дар адабиёти рус бо номҳои **ералаш** ва **небылица** машҳур аст. Дар ин гуна шеърҳо воқеа ғайритабиӣ, пасупеш, чаппаву роста, баръакс ва дарҳамбарҳам тасвир мешавад. Ин хусусияти чигилак хонандаро водор мекунад, ки онро бодиққат хонад, зирактару ҳушёртар бошад, хондаашро мулоҳиза кунад ва ҳақиқатро аниқу дақиқ донад.

Ҳамин чигиливу печидагии ин намуди шеърро ба эътибор гирифта, мо онро ба тоҷикӣ **чигилак** номидем.

Чигилак воқеан ҳам монанди ҳама гуна шеърҳои нағз хонданӣ ва хотирмон аст. Барои он ки ин намуди шеър бо оҳангҳои сабук ва шӯху шавқовар иншо мешавад. Чигилакҳо дар сиришти хонанда хислатҳои ҳақиқати ҳолро дидан, асли воқеаро фаҳмидан ва ба бемаънигиву бемантиқӣ хандиданро тарбия мекунанд. Намунаҳои ин гуна шеър баъзан дар адабиёти даҳонии мардуми мо низ ба назар мерасанд. Онҳо одатан ҳамчун ҳусни анҷоми қиссаву афсонаҳо меоянд ва хонандаро аз рост будани суханони дурӯғнамо ва ё дурӯғ будани суханони ростнамо ҳушдор медиҳанд:

**Як коса дӯғ буд,**
**Ҳамаш дурӯғ буд!**

***

**Як коса мост буд,**
**Ҳамааш рост буд.**

Дуруст кардани китоби чигилакҳо дар адабиёти тоҷик таҷрибаи нав аст. Умед аст, ки чигилак ҳам монанди чистон, шумурак, тезгӯяк ва дигар намудҳои машҳури шеър ҳаводорони худро пайдо мекунад ва дар қатори жанрҳои писандидаи хонандагони мо қарор мегирад.

**Муаллиф**





# МУНДАРИЧА


ОЁ ДУРУСТ КАРДАМ? ........................... 3
БАР ИН СУХАН НАХАНДӢ .................... 4
ДАР БОРАИ ФАСЛҲОИ СОЛ ................. 5
ҚИССАН ТАРБУЗХӮРӢ ........................... 6
МУСИЧАВУ БУЗИЧА ................................ 7
ХУРСАНДИИ МАЙМУН ........................... 8
ЧАРО ШАМОЛАК ВАЗИД? ..................... 8
ИН ЧӢ ҒИРЕВЕ?.........................................9
МУСИЧА.....................................................9
БОДОМГУЛИ ОЛУЧА ............................... 10
САРҒУЗАШТИ НАВИ ХИРСАКУ
ОРУ ВА ХАРГӮШБАЧА ........................... 10
АСПИ АЛО ..............................................11
ДАРИ ШИКОРӢ ...................................... 11
ДАР ТАНҲОӢ ......................................... 12
ҚИССАИ РОСТ ....................................... 13
ЯК-ДУ СУХАН ДАР БОРАИ ЧИГИЛАК ........... 15






ҶӮРА ҲОШИМӢ

# ЧАРО ШАМОЛАК ВАЗИД?

## *(Чигилакҳо)*


Муҳаррир Н.Зайниддинов
Муҳаррири техникӣ А. Камолов
Ороишгар Л. Юнусова
Ҳуруфчин З. Ҷӯраева
Рассом: С. Имоддинова

9 789994 758296

Ба матбаа 24.01.08 супорида шуд. Ба чопаш 03.11.08 имзо шуд. Андозаи 60x84 1/8. Ҷузъи чопаш 2. Чопи офсетӣ. Коғази офсетӣ. Супориши №10/08. Адади нашр 5000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Маориф ва фарҳанг»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 17. Тел/факс: 233-93-97. E-mail: najmidin64@mail.ru.

Дар ҶДММ “Орбита” чоп шудааст.



Китобхонаи ... бачагонаи
Ҷумҳурии То... ба номи
М. ...







МАОРИФ ВА ФАРХАНГ